# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Файззода Моҳинав Раҷаб дар мавзуи «Инкишофи институти никоҳ дар Тоҷикистони шуравӣ ва пасошуравӣ: таҳқиқоти назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат.**

Масоили марбут ба оила ва никоҳ дар тӯли таърихи ҷомеаи башарӣ ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи илмию амалӣ қарор дошта, дар марҳилаҳои мухталифи инкишофи иҷтимоӣ аҳаммияти хоссаи худро ҳифз намудаанд. Дар замони муосир низ масъалаи никоҳ, бо дарназардошти нақши он дар танзими муносибатҳои оилавӣ ва таъсири амиқе, ки бар равандҳои иҷтимоиву ҳуқуқӣ дорад, ҳамчун мавзуи муҳими таҳқиқотӣ боқӣ мемонад.

Оила ҳамчун зерсохтори ибтидоии ҷомеа ва институти иҷтимоии аввалиндараҷа дар ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ нақши муассир дошта, заминаи ташаккули арзишҳои ахлоқӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқиро фароҳам месозад. Дар ин замина, никоҳ ҳамчун институти ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, ки заминаи ҳуқуқии ташаккули оила ба шумор меравад, дорои аҳаммияти хос мебошад.

Бо вуҷуди тафовутҳои фарҳангӣ ва геосиёсии кишварҳои гуногун, таҳқиқотҳои муосир нишон медиҳанд, ки институтҳои никоҳӣ дорои хусусиятҳои муштарак буда, аз арзишҳои умумии иҷтимоӣ ва таърихии инсоният маншаъ мегиранд. Аз ин рӯ, омӯзиши ин институт дар заминаи таҳлилҳои мукаммали таърихӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ зарур ва саривақтӣ мебошад.

Таҳлили илмии институти никоҳ дар таҳқиқоти мазкур на танҳо ба таври мустақим меъёрҳои ҳуқуқии амалкунандаро дар бар мегирад, балки равандҳои умумии иҷтимоӣ, идеологӣ ва сиёсиро низ фаро мегирад. Вобаста ба ин, дар муҳити илми ҳуқуқшиносии миллӣ масъалаи никоҳ то

ҳол мавриди таҳқиқи ҳамаҷонибаи назариявӣ ва амалӣ қарор нагирифтааст, ки ин худ як холигии илмиро дар ин самт нишон медиҳад.

Аз ин лиҳоз, зарурати анҷом додани таҳқиқоти мукаммалу низомманд дар бораи ташаккул ва таҳаввули институти никоҳ дар низомҳои ҳуқуқии таърихӣ ва муосир беш аз пеш эҳсос мегардад.

Муаллиф дуруст зикр мекунад, ки институти никоҳ таърихи тӯлонӣ дошта, баробари пайдоиши ҷамъиятҳои ибтидоӣ ба вуҷуд омада, дар равандҳои ташаккули қонунгузории одатӣ ва динӣ нақши калидӣ бозидааст. Дар таърихи халқи тоҷик низ муносибатҳои никоҳӣ тавассути меъёрҳои ҳуқуқи одатӣ, фиқҳии исломӣ ва баъдан қонунгузории расмии давлатӣ танзим мегардиданд. Ин раванд дар масири таърих таҳаввулоти зиёдеро аз сар гузаронида, дар ниҳоят ба ташаккули низоми муосири никоҳ мусоидат намудааст.

Дар замони шуравӣ, махсусан дар ибтидои садаи XX, низоми никоҳ ва оила зери таъсириислоҳоти идеологӣ ва ҳуқуқии амиқ қарор гирифт. Қонунгузории шуравӣ, бо ҳадафи маҳдуд намудани таъсири анъана ва дину мазҳаб, муносибатҳои никоҳиро ба шакли дунявӣ ва давлатӣ табдил дод. Ин раванд боиси тағйироти куллӣ дар шеваи ақди никоҳ, ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳамсарон ва муносибати ҷомеа ба оила гардид.

Ба ақидаи муаллиф дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти эҳё ва барқарорсозии арзишҳои миллӣ, динӣ ва фарҳангӣ, институтҳои никоҳ ва оила низ таҳти таъсири тағйироти ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ қарор гирифтанд. Қонунгузории миллӣ, бо мақсади мутобиқ гардондани меъёрҳои ҳуқуқӣ ба шароити нав, кӯшиш ба харҷ медиҳад, то мувозинати арзишҳои анъанавӣ ва талаботи ҷомеаи муосирро нигоҳ дорад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, таҳлили таҳаввули институти никоҳ дар низомҳои ҳуқуқии таърихӣ, шуравӣ ва муосири Тоҷикистон на танҳо барои баланд бардоштани сатҳи назариявии фаҳмиши масъалаи мазкур,

балки барои такмили низоми ҳуқуқии соҳа аҳаммияти муҳими илмӣ ва амалӣ дорад.

Мавзуи мазкур, ки ба таҳқиқи паҳлӯҳои гуногуни институти никоҳ дар заминаи таърихӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ дорои аҳаммияти баланд мебошад. Бо дарназардошти он ки никоҳ яке аз муҳимтарин падидаҳои танзимкунандаи муносибатҳои оилавӣ дар ҷомеа ба ҳисоб меравад, омӯзиши ҳамаҷонибаи он барои такмили қонунгузорӣ ва баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон зарур мебошад.

Муаллиф дар матни таҳқиқоти худ масъалаи никоҳро на танҳо ҳамчун як муносибати хусусии байни шахсони алоҳида, балки ҳамчун як падидаи дорои заминаҳои иҷтимоӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ арзёбӣ менамояд. Дар ин таҳқиқ ҷанбаҳои муҳим, аз ҷумла таърихи ташаккули никоҳ, таъсири қонунгузории шуравӣ, нақши арзишҳои миллӣ ва динӣ дар ташаккули муносибатҳои никоҳӣ ва равандҳои муосири ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Бартарии асосии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки муаллиф бо такя ба усулҳои таҳлили таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ ва низомикунонӣ масъалаи никоҳро ҳамчун як институти комилан таҳаввулёбандаи ҳуқуқӣ арзёбӣ мекунад. Ҳамзамон, дар матни таҳқиқот ба камбудиҳои илмию амалӣ дар соҳаи танзими ҳуқуқии никоҳ дар ҷумҳурӣ ишора шудааст, ки ин ба аҳаммияти амалии таҳқиқ бевосита иртибот дорад.

Мавзуи мазкур хусусияти нави таҳқиқотӣ дошта, метавонад ҳамчун асос барои таҳияи пешниҳодҳо оид ба ислоҳи қонунгузорӣ ва таҳкими институтҳои оилавӣ дар ҷумҳурӣ хизмат намояд. Ғайр аз ин, он метавонад барои донишҷӯёну муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқ, иҷтимоиёт ва фарҳанг ҳамчун манбаи омӯзиш истифода гардад.

Сарфи назар аз арзёбии мусбат, ки дар тақриз баён шудааст, дар рисолаи мазкур як қатор норасоиҳо, нуктаҳои баҳсбарангез, инчунин

иштибоҳҳои оморӣ ва хаттогиҳои имлоиву грамматикӣ дида мешаванд. Аз ҷумла, метавон чунин ҳолатҳоро зикр кард:

1. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки баъзе кишварҳои ҷаҳон зери ниқоби “тамаддуни пешрафта” шаклҳои нави никоҳро ба миён овардаистодаанд, ки ба арзишҳои фарҳангию таърихӣ ва моҳияти аслии никоҳ таъсири манфӣ мерасонанд. Чунин ҳолатҳоро ба инобат гирифта, давлатро зарур аст, ки баҳри устувор намудани шаклҳои анъанавӣ ва таърихии никоҳ, ки ба фарҳангу арзишҳои миллии мо мутобиқ мебошанд, чораҳои гуногуни муассир андешад. Ин андеша ҷолиби диққат аст, вале муаллиф пешниҳод накардаанд, ки кадом намуди чораҳо дар ин самт бояд андешида шаванд ва онҳо дар шароити пурталотуми рушди ҷомеаи имрӯза бо истифода аз кадом усулҳо роҳандозӣ гарданд (саҳ. 29).

2. Дар саҳифаи 30-юми автореферат муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар кишвар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми ҳуқуқии зану шавҳар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия ва қабул карда шавад. Хуб мебуд, агар муаллиф моҳияти қонуни мазкур ва зарурияту вазифаҳои онро ҳангоми ҳимояи ошкорои рисолаи диссертатсионӣ шарҳ медоданд.

Дар маҷмуъ эродҳои зикргардида моҳият ва мазмуни баланди диссертатсияи баррасишавандаро коста нагардонида, баракс аз сатҳи баланди таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодашуда дарак медиҳад.

Диссертатсияи Файззода Моҳинав Раҷаб ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Низомномаи додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллиф таҳқиқотро мустақилона иҷро намудааст ва он дорои якпорчагии мазмун ва мантиқ мебошад. Навовариҳои илмӣ, ақидаҳо ва пешниҳодҳои амалӣ, ки дар он зикр шудаанд, ҳамчунин нашри мақолаҳои илмӣ ва суханрониҳои муаллиф дар конфронсҳои илмӣ ва амалии дахлдор,

саҳми шахсии ӯро тасдиқ мекунанд. Услуб, роҳу равиши таҳқиқот ва тарзи пешниҳоди масъалаҳо низ саҳми мустақили муаллифро нишон медиҳанд.

Ҳамзамон, автореферат, ки аз мазмуни диссертатсия бармеояд, пурра ба талаботи Низомномаи мазкур мувофиқат карда муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
сармутахассиси шуъбаи ҳуқуқи дастгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Давлатзода К.Д.

**Суроға**: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Асадулло Ғуломов, 35, хонаи 9
E.mail: komron231823@gmail.com
Тел: корӣ 221-06-10
Мобилӣ 93-823-18-23

Имзои Давлатзода К.Д.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои дастгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе Сайдуллозода Ф. Ф.
«___» ____________ 2025

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 42. Тел.: +992 (37) 223-06-10; E.mail: dushanbe80@yahoo.com